# ПРОТОКОЛИ №35-и

чаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 08 июли соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ 12 нафар, аз рӯйи ихтисос 4 нафар

08 июли соли 2026, соати 10:00 дар толори шурои диссертатсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, ҳуҷраи №102) ҷаласаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 баргузор гардид. Вақти анҷоми ҷаласа: соати 12:43.

**Раиси ҷаласа:** доктори илмҳои геологию минералогӣ – Валиев Ш.Ф.

**Котиби илмӣ:** номзади илмҳои техникӣ – Ғайратов М.Т.

Раиси шуро: Мухтарам аъзои шурои муштараки диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ! Ҳайати шуро бо шумораи 16 нафар тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 июли соли 2022, №111/шд бо рамзи 6D.КОА-057 (тағйирот ба ҳайати шурои диссертатсионӣ тибқи фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 02.12.2024, №428/шд, аз 02.02.2026, №37/шд) тасдиқ гардидааст.

Дар асоси варақаи ҳузури аъзои шуро дар ҷаласа 12 нафар аъзо иштирок доранд, ки аз онҳо 2 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Ҳамин тариқ, шуро ваколат дорад, ки масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа гузошташударо баррасӣ намояд. Оид ба оғози кори шуро чӣ пешниҳод доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе тарафдори он бошад, ки ҷаласаи шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, овоз диҳад. Муқобил? Бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

## РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:

Ҳимояи ошкорои диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванч)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология.

Диссертатсия дар кафедраи гидрогеология ва геологияи муҳандисии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Роҳбари илмии** довталаби дараҷаи илмӣ Саидов Мирзо Сибгатуллович - доктори илмҳои геологию минералогӣ, профессор, профессори кафедраи математика ва илмҳои табиии филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Кошурников Андрей Викторович** – доктори илмҳои геологию минералогӣ, дотсент, ходими пешбари илмии лабораторияи усулҳои математикӣ ва пешгӯйии геокриологии факултети геологияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов.
- **Насруллоев Фарҳод Хуҷаевич** – доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси бехатарии фаъолияти ҳаётӣ ва ҳифзи муҳити зист, дотсент, постдокторанти Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар** – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ».

**БАРОМАД НАМУДААНД:**

1. Раиси шуро: доктори илмҳои геологию минералогӣ Валиев Ш.Ф.
2. Котиби илмии шуро: номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.
3. Унвонҷӯ: Сайфуллозода Қ.Ғ.

Муаллифи диссертатсия ба саволҳои аъзои шуро, доктори илмҳои геологию минералогӣ Ғафурзода Ф.Ғ. (Ғафуров Ф.Г.), доктори илмҳои геологию минералогӣ Файзиев Ф.А., номзади илмҳои геологию минералогӣ Лоиқзода М.Л., доктори илмҳои техникӣ Комилов О.К., доктори илмҳои геологию минералогӣ Валиев Ш.Ф. ва номзади илмҳои геологию минералогӣ Муродзода А.А. ҷавоб дод.

Баромади роҳбари илмии унвонҷӯ – доктори илмҳои геологию минералогӣ Саидов М.С. шунида шуд.

Баромади муқарризони расмӣ:

- Кошурников Андрей Викторович – доктори илмҳои геологию минералогӣ, дотсент, ходими пешбари илмии лабораторияи усулҳои математикӣ ва пешгӯйии геокриологии факултети геологияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов.
- Насруллоев Фарҳод Хуҷаевич – доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси бехатарии фаъолияти ҳаётӣ ва ҳифзи муҳити зист, дотсент, постдокторанти Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

Баромади муқарризони ғайрирасмӣ, мутахассисон оид ба диссертатсияи баррасишаванда:

1. Мамадризохонов А.А. – доктори илмҳои биологӣ.
2. Муртазоев У.И. – доктори илмҳои географӣ.
3. Лоиқзода М.Л. – номзади илмҳои геологию минералогӣ.
4. Саидова Д.Н. – номзади илмҳои геологию минералогӣ.
5. Файзиев Ф.А. – доктори илмҳои геологию минералогӣ.

Ҷавоб ба эродҳои муқарризони ғайрирасмӣ ва сухани хотимавии диссертант шунида шуд. Тариқи овоздиҳии ошкоро комиссияи ҳисоб барои овоздиҳии пинҳонӣ таъйин гардид ва дар ҳайати он 3 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ – Файзиев Ф.А., Лоиқзода М.Л. ва Саидова Д.Н. интихоб гардидаанд.

Аз 12 нафар аъзои шурои дар ҷаласа ҳузурдошта дар бахши овоздиҳӣ 12 нафар иштирок намудаанд: аз инҳо 2 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсия.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бюллетени беэътибор – нест.

Аъзои шуро тариқи овоздиҳии ошкоро протоколи комиссияи ҳисобро тасдиқ намудаанд.

Пас аз шунидани баромади раиси комиссияи ҳисоб тариқи овоздиҳии ошкоро хулоса ва қарори шурои муштараки диссертатсионӣ дар бораи ба Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло додани дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология қабул гардид.

## ҚАРОРИ
### шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз 08 июли соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряхҳои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология, тақризи муассисаи пешбар – Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ», суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои геологию минералогӣ, дотсент, ходими пешбари илмии лабораторияи усулҳои математикӣ ва пешгӯйии геокриологии факултети геологияи Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов Кошурников Андрей Викторович, доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси бехатарии фаъолияти ҳаётӣ ва ҳифзи муҳити зист, дотсент, постдокторанти Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насруллоев Фарҳод Хуҷаевич, муқарризони ғайрирасмӣ – Мамадризохонов А.А. – доктори илмҳои биологӣ, Муртазоев У.И. –

доктори илмҳои географӣ, Лоиқзода М.Л. – номзади илмҳои геологию минералогӣ, Саидова Д.Н. – номзади илмҳои геологию минералогӣ ва Файзиев Ф.А. – доктори илмҳои геологию минералогӣ-ро шунида, баррасӣ карда, шурои муштараки диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло

**ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дар мавзуи «Динамика ва хусусиятҳои пиряххои ҳаракаткунандаи Помир ва нақши онҳо дар ташаккули кӯлҳои рахнашавандаи хатарнок дар шароити тағйирёбии иқлим (дар мисоли водии Ванҷ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ аз рӯйи ихтисоси 1.6.32. Геоэкология ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;
2. Маводди илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;
3. Ба Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло дараҷаи илмии номзади илмҳои геологию минералогӣ дода шавад;
4. Барои додани дипломи номзади илмҳои геологию минералогӣ ба Сайфуллозода Қумринисо Ғайбулло аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавкеи худро нисбат ба ин қарори шурои муштараки диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 12 нафар. Муқобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои геологию минералогӣ Валиев Ш.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.

08.07.2026 с.